# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи “Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”, ки барои дарёфти дарҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Дар забоншиносии муосир аҳаммияти муҳими аломатҳои китобат дар он аст, ки моҳияти мантиқиву синтаксисии калима, таркиб, ибора ва ибораҳои мухталифро ба қадри зарури таъмин намуда, бо дигар унсурҳои нутқ ҳангоми нутқи таҳрири барои ифодаи фикру ҳиссиёт ва дарки мазмуни нутқи хаттии хонандагон хизмат мекунанд. Дар диссертатсия зикр шудааст, ки маъноҳои мухталифе, ки дар навишт сабт мешаванд, танҳо тавассути аломатҳои китобат пурра фаҳмида намешаванд, балки оҳанги гуфтор, ки низ барои дарки пурраи гуфтор мусоидат менамоянд. Оҳанги гуфтор тибқи меъёрҳои муайянгардида дар хат тавассути аломатҳои гуногуни китобат ифода меёбад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Муслим Сайбурҳон бо унвони “Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” низ ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир бахшида шуда, таҳқиқи он саривақтӣ ва муҳим мебошад.

Давлатзода М. С. аз соли 2018 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Муслим Сайбурҳон аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишороти муаллиф вобаста ба мавзуъ иборат аст.

Дар муқаддима муаллиф оид ба муҳиммияти интихоби мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгони ва дигар нуктаҳои асоси вобаста ба дастгоҳи илмии таҳқиқот маълумоти илман асоснокро овардааст.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони **“Заминаҳои назариявии хусусиятҳои аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** бахшида шудааст. Дар он корбурди истилоҳи “пунктуатсия” дар забоншиносии муқоисавӣ дар асоси сарчашма ва адабиёти илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Зимни омӯзишу таҳлили осори илмии донишмандони соҳаи забоншиносӣ роҷеъ ба мавзуи мавриди назар, корбурд ва ҷойҳои аломатҳои пунктуатсионӣ дар нутқи хаттии ҳар забон, дар

баробари имло ва нигориши он ҷузъҳои аслии нутқи хаттӣ дониста мешаванд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳти унвони **"Вазифаҳои сохторию маъноии аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** дар он вазифаҳои сохторию дастури ё наҳвии аломатҳои китобат мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Вазифаҳои наҳвии аломатҳои китобат, амалан, хеле шинохтатар аз вазифаҳои дигари он буда, бахусус, дар нутқи хаттӣ мавқеи бориз дорад. Зеро дар китобат имрӯз ҳамаи забонҳои дунё, бахусуси забони тоҷикӣ ва англисӣ ҷобаҷогузории дурусти аломатҳои китобат, шарти шарти муҳим барои то андозае фаҳму дарки саҳеҳи нутқӣ хаттӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои таҳқиқ ин масъалаҳоро аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст.

Боби сеюми дисертатсия таҳти унвони **"Аломатҳои китобат дар забони англисӣ ва умумияту тафовути корбурди онҳо дар забони тоҷикӣ"** ба таҳлили муқоисавии аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашаванда бахшида шудааст. Муаллиф дар ин қисмат ба таҳлили аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо мисолҳои асоснок ва равшан андешаҳои худро баён намудааст.

Хулосаи бобу зербобҳо ва хулосаи умумии диссертатсия ҷамъи ақидаю назари диссертантро нишон медиҳад. Дар ин қисмати кор муаллиф вобаста ба ҷамъбасти таҳқиқот ва якчанд пешниҳоди судмандро ҷиҳати рушду густариши забоншиносии муосири тоҷик, махсусан, бахши забоншиносии муқоисавӣ баён намудааст.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Ҳамчунин, ёдовар бояд шуд, ки диссертант дар равани таҳқиқ оид ба мавзуъ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи нашр овардааст, ки заҳмати мондагор аст. Ҳамчунин, диссертант бори аввал дар илми забоншиносии ватанӣ инъикоси мафҳуми "пунктуатсия"-ро дар низоми луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлили ҷудогона қарор додааст, ки яке аз навгонии асосии муаллиф дар ин самт ба шумор меравад.

Бояд тазаккур дод, ки мазмун ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ мутобиқат менамояд.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф музмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дорои арзиши хуби илмӣ буда, фарогири масъалаҳои муҳим дар рушди забоншиносии ватанӣ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи "Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, декани факултети равияи
омӯзгории забони англисии Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Мусоямзода Зубайдулло Муминшо

"14" 04 соли 2026

Нишонӣ: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Муҳаммадиев 17/6
Телефон: (+992) 759500003; E-mail: zubaidullo@gmail.com

Имзои З.М. Мусоямзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

"14" 04 соли 2026

Нишонӣ: 734019, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: +992 372325000
Факс: +992 372325003
Сомона: www.dbz.tj